## СУРАТҶАЛАСАИ №1

аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 12-уми апрели соли 2022 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 9 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

1. Дар бораи ба ҳимояи такрорӣ қабул намудани ариза ва диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкури рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб Мамадҷонов С.Ҳ. дар бораи қабули диссертатсияи ӯ барои баррасӣ шинос намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А. гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Мамадҷонов С.Ҳ. барои ташхиси такрорӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» барои

дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 9 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.